# ҲАСАД ВА ЗАРАРҲОИ ОН

Ҳамду ситоиш барои Аллоҳ, ки Парвардигори оламиён аст, оқибат барои парҳезгорон ва душманӣ танҳо бар золимон аст. Гувоҳӣ медиҳам бар ин ки нест маъбуди барҳақ ба ҷуз Аллоҳи ягона, Ӯро шарике нест ва гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад банда ва Расули Ӯст, хатмкунандаи Паёмбарон ва имоми парҳезгорон, саломи Аллоҳ бар ӯ ва бар оли ӯ ва ҳамсуҳбатонаш ва бар касе, ки онҳоро то рӯзи қиёмат ба некӯӣ пайравӣ мекунад, нозил бод. Аммо баъд:

Албатта ҳасад рафтори бад аст ва он ***таманнои аз байн рафтани неъмати Аллоҳ аз дигарон*** *мебошад.*

Инчунин дар шарҳи ҳасад гуфта шудааст: ***Ҳасад бад дидани он чизест, ки Аллоҳ бар ғайри ӯ, яъне бар каси дигар ато кардааст.***

Таърифи аввал дар назди аҳли илм машҳур аст ва таърифи дуввум, ҳамон таърифест, ки Шайхул Ислом Ибни Таймия раҳимаҳуллоҳ гуфтааст. Яъне танҳо бад дидани он чизе, ки Аллоҳ бар мардум ато кардааст, ҳамчун ҳасад эътибор карда мешавад.

Ҳасад ҳаром аст, зеро Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз он наҳй ва ҳазар кунонидааст ва ҳасад аз сифатҳои яҳуд мебошад, зеро онҳо бар он чизе, ки Аллоҳ ба мардум аз фазлаш додааст, ҳасад мебаранд.

З***арарҳои ҳасад*** зиёданд, аз ҷумла:

- Бар қазову тақдири Аллоҳ эътироз кардан ва ба он чизе, ки Аллоҳ азза ва ҷалла тақдир кардааст, розӣ набудан. Зеро ҳасадхӯр он неъматеро, ки Аллоҳ ба ҳасадшуда ато кардааст, бад мебинад.

www.merosi-abuhanifa.com

- Ҳасадхӯр ҳамеша дар ноороми̅, сӯзиш ва мусибат боқи̅ мемонад, зеро неъматҳои Аллоҳро, ки бар бандагонаш ато кардааст, шуморида наметавонад. Пас ҳаргоҳ неъматҳои Аллоҳро дар шахси дигар бубинад, ӯро ҳасад барад ва доштани ин неъматро бар ӯ бад мебинад ва зарур аст, ки дар ин сурат ҳасадхӯр ҳамеша дар ноороми̅ бошад. Ин аст ҳоли ҳасадхӯр ва ба Аллоҳ паноҳ мебарем аз ин аъмол.

- Бисёр вақт ҳасадхӯр бар ҳасадшуда зулм мекунад ва кӯшиш мекунад, ки неъмати Аллоҳро бар ҳасадшуда бипӯшонад ё неъмати Аллоҳро аз ҳасадшуда дӯр намояд, пас дар ин ҳолат ҳасадкунанда ҳам ҳасад ва ҳам душманиро бо ҳам ҷамъ мекунад.

- Ҳасадхӯр монанди яҳуд аст, яъне бар он чизе, ки Аллоҳ аз фазлаш бар мардум додааст, ҳасад мебарад.

- Ҳасад бурдан бар пастии ҳасадхӯр далолат мекунад ва ҳасадхӯр шахсест, ки барои дигарон хайрро намехоҳад. Ӯ шахси пастназар ва кӯтоҳназар аст, ба сӯи дунё назар мекунад на ба сӯи охират, зеро агар ӯ ба сӯи охират назар мекард, ҳароина аз ин амал рӯ мегардонд.

***Савол: Агар ҳасад дар дили шахс беихтиёр воқеъ шавад, пас илоҷаш чист?***

**Ҷавоб:** Илоҷаш бар ду амр аст:

***Якум***: Аз ҳасад тамоман рӯ гардондан, ҳасадро ба фаромуши̅ андохтан ва ба он чизе машғул шудан, ки бар нафси инсон аҳамият дошта бошад.

***Дуввум***: Дар зарарҳои ҳасад фикр ва андеша намудан. Албатта дар сурати дар зарарҳои амал фикр кардан, нафрати инсон нисбати он амал пайдо мешавад. Сипас таҷриба кунад, то ки хайрро барои дигарон низ бихоҳад ва ба он чизе, ки Аллоҳ ӯро додааст, ором шавад. Оё ин таҷриба ва амал барояш хайр аст ё хайр ин аст, ки дунболи неъмате бошад, ки Аллоҳ ба дигарон додааст? Сипас дар нафсаш сӯзиш ва норозигӣ ба қазову тақдири Аллоҳ боқӣ намемонад.

Кадоме аз ин ду роҳи ҳалро мехоҳад, метавонад, ки ихтиёр кунад.

Ҳамду ситоиш барои Аллоҳ, ки Парвардигори оламиён аст ва саломи Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад ва бар оли ӯ ва ҳамсуҳбатонаш ва бар касоне, ки онҳоро то рӯзи қиёмат ба некӯӣ пайравӣ мекунанд, нозил бод.

Баргирифта аз китоби “Илм”-и ***Шайх аллома Муҳаммад ибни Солеҳ Усаймин раҳимаҳуллоҳ раҳматан восиъа, саҳ. 298-299***.

Дар охир аз Аллоҳ талаб менамоям, ки касоне ба ин беморӣ гирифтор шудаанд, шифояшон диҳад ва моро аз шаррашон ҳифз намояд, омин.

***Мутарҷим: Шаҳобиддини Солиҳ***

***26 Шавволи соли 1436 ҳ.***

***11 Августи соли 2015 м.***

www.merosi-abuhanifa.com